Тасдиқ мекунакм
Декани факултаи "С ва М"
Якубов А.

## Иқтибос аз Суратчаласаи васеъи № 11

Кафедраи "Меъморӣ ва Шаҳрсозӣ", факултети"Сохтмон ва Меъморӣ"-и Донишгоҳи техникииТоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
18 июни соли 2022 шаҳриДушанбе

Иштирок доштанд: аъзоёни кафедра: Мукимова С.Р., Мамаҷонова С.М., Акбаров А.,Мирзоева Ф.З., Шерматов М.У., Ҳаитова С.Р., Садиева Г.Ф., Разоқов А.А., БобомуродовМ.С., Аскаров З.Б., Раҳмонов С.С., Абдуллоев Ҳ.Ф., Дадабоев М.К., Тиллоев С.С., Наимов К.И., Мухиддинова Р.К., Рузиева Г.Х. ва Султонова М.

Ҳамагӣ: 18 нафар аъзоёни кафедра.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

2. Муҳокимаи рисолаи номзадии аспиранти кафедра Мухаммад Усмон Билим дар мавзӯи **"Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳрезии шаҳрҳои калон - маркази вилоятиҳои Афғонистон"**

**Раванди ҷаласа:**

**Баромад намуд:** Мудири кафедра Мукимова С.Р. – маълумоти мухтасар оиди хислатномаи Мухаммад Усмон Билим дода қайд кард, ки ӯ зодаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буда, хатмкунандаи Донишкадаи политехникии шаҳри Кобул мебошад. Солиёни зиёде ӯ дар идораҳои шаҳрсозӣ, меъморӣ ва Вазорати Шаҳрсозӣ ва Арозии Афғонистон кор ва фаъолияти касби кардааст. Ҳоло М.У. Билим шаҳрванди Ҷ. Ф. Олмон мебошад. Ӯ ҳамчун унвонҷӯи ғоибхони кафедраи "Меъморӣ ва дизайн" фаъолияти таҳқиқотии худро аз соли 2016 оғоз намуда дар мавзӯи **"Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳрезии шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳои Афғонистон"**рисолаи илмиашро пурра ба итмом расонидааст. Моҳи марти соли 2021 рисолаи илмии ӯро дар кафедраи "Меъмори ва Дизайн" бори аввал дида баромада будем. Ҳоло ӯ корҳои таҳқиқотиашро пурра ба охир расонида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05 23 22- Шарҳсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот, дар асоси протоколи №4 ШО ДТТ аз 31.12.2018 мавзӯи рисолаи номзадии худро барои дифои дараҷаи илмӣ пешниҳод намудааст.

Баъдан иштирокчиён бо рӯзномаи ҷаласа шинос карда шуда, иброз гардид, ки дар кафедраи "Меъморӣ ва шаҳрсозӣ" бори нахуст ҷаласа барои баррасии корхои илмии унвонҷӯй дар равияи "Шаҳрсозӣ" баргузор гардида истодааст. Барои баррасии масъалахо регламенти кори муайян карда шуд.

Барои марӯза ба унвонҷӯй оиди баёни рисолаи илмӣ - 20 дақиқа, саволхо то 3 дақиқа, баромадҳо то 5 дақиқа вакт пешниҳод шуд. Тибки рӯзномаи ҷаласа сухан ба унвонҷӯй Муҳаммад Усмон Билим дода шуд.

**ШУНИДА ШУД:** - М.Усмон Билим, нисбати кори илмиаш дар мавзӯи «Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳрезии шаҳрҳои калон - марказии вилоятиҳои Афғонистон"(Ҷумхурии Исломии Афғонистон)» барои дарёфти унвони илмии номзади меъморӣ, аз рӯи ихтисоси 05 23 22 - «Шаҳрсозӣ, .. », ки зери рохбарии доктори меъморӣ, и.в.профессор Акбаров А.А. ба анҷом расонида шудааст, бо забони тоҷикӣ маърӯза кард.

**Раиси ҷаласа:** Кӣ ба унвонҷӯй Муҳаммад Усмон Билим савол дорад.

**Савол:** доктори меъморӣ, профессор Мамадҷанова С.М: -Дар матни рисола тадқиқотҳои олимони Кишварҳои муштаракулманофеъ, ки дар солҳои пешин гузаронида шудааст аз ҷумла Тоҷикистон маълумот оварда шудааст?

**Ҷавоб:** Дар саҳифаҳои 8 ва 9-и мукаддимаи рисола тадқиқотҳои олимони Кишварҳои муштаракулманофеъ, ки дар солҳои пешин гузаронида шудааст аз ҷумла Тоҷикистон пурра оварда шудааст. Аз он ҷумла ба кори Соловъева М.К. "Формирование архитектурно-композиционной структуры жилища горных районов Среднеазиатского субтропического пояса" Соли 1985 Урья Бабрак рисоларо дар мавзӯи: Шаҳрҳои хурд ва миёна дар системаи сокиншавии аҳолии Афғонистон" корбаст намудааст, ки он аввалин кори таҳқиқоти шаҳрсозии кишвар мебошад. Ҳамзамон ба ин кори Саид Ҳамаюн Шах Акбари, ки рисолаи таърихӣ мебошад истинод пешниҳод шудааст.

**Савол:** номзади меъморӣ, и.в. дотсент Шерматов М.У. -Мақсади иҷроиши корӣ дисертатсионии худро баён намоед?

**Ҷавоб:** Чи тавре,ки сараввал гуфтам, мақсади рисола: Барқароркунии системаи фаъолияти шаҳрсозӣ ва такмили асосҳои методиву ҳуқуқии ташаккули сохтори тарроҳии шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистан мебошад.

**Савол:** доктори меъморӣ, профессор Мамаҷанова С.М.: - Дар қисми илюстративии (нақшаҳои) кор вобаста ба талаботҳои КОА ҶТ хуб мешуд, ки нақшаҳо доир ба ҳар як боб гурӯхбандӣ шуда сарлавҳаи бобҳо дар аввали нақшаҳо навишта шавад ?

**Ҷавоб:** қабул, ман аллакай номгӯи бобҳоро дар варақҳои алоҳида навишта истодаам ва дар ҳимояи пешакии назди Маркази илми-таҳқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ” шакли иловашудаи нақшаҳоро пешниҳод мекунам.

**Савол:** номзади меъморӣ, дотсент Мирзоева Ф.З.:-Шумо дар анҷоми корӣ худ кадом тавсияҳоро нисбати таҳсири шароити антропогенӣ ба муҳити зисти инсон медиҳед ?

**Ҷавоб:** Ман дар хулосаҳои боби 2 ва боби 3 рисола, аз ҷумла накшаҳои боби 3.1 ва 3.2 ҷавобҳоро оиди масъалаи ҳифзи муҳити зист аз таъсири олудагии ҳаво ва беҳдошт намудани манзараҳои шаҳрҳоро овардаам.

**Баромад намуд:** доктори илмҳои таърих, меъмор, дотсенти кафедраи "Дизайни муҳити меъморӣ ва тармим" Тиллоев С.С. ва қайд кард: ман соли гузашта рисолаи номбурдаи М.Усмон билимро пурра хонда тақриз навишта будам. Ҳоло дида истодаем, ки рисола ба пурраги ислоҳ шудааст ва реферати рисола низ мувофиқи талаботи нави КОА ҶТ иҷро шудааст, расму нақшаҳои кори таҳқиқотӣ амиқ тасвир шудааст, ки аз натиҷаи хуби кори рисолавӣ шаҳодат медиҳад. Ман пешниҳод мекунам, ки рисолаи М.Усмон Билим барои дифои пешакӣ ба Маркази Илмӣ-таҳқиқотии "Сохтмон ва меъморӣ" аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – "Шаҳрсозӣ, тарҳрези маҳалҳои зисти деҳот" пешниҳод карда шавад.

**Баромад намуд:** номзади меъморӣ, и.в.дотсент Хаитова С.Р.– ман баромади Шуморо гуш намуда ба хулосае омадам, ки ҳаҷми иҷрошудаи рисолаи илмӣ ниҳоят калон мебошад. Шумо тавонистед бисёр маводҳоро ба тариқи асосноки илмӣ сарҷам намуда ба мо хулосаҳои илмии худро пешниҳод созед. Ман фикр дорам, ки кор ба дараҷаи зарурӣ мувофиқи талаботи КОА ҶТ бо нақшаҳои хуби таҳқиқотӣ ба охир расидааст. Ҳамзамон аз ҷониби устодони таҷрибадор бисёр пешниҳодҳо пешкаш шуданд. Ман хоҳишмандам, ки иловаҳоро тезтар ба анҷом расонида рисоларо барои ҳимояи пешакӣ пешиҳод намоед!

**Баромад намуд:** Акбаров А.А. роҳбарӣ илмии рисолаи номзадии Мухаммад Усмон Белим. Тадқиқоти диссертатсионии М.Усмон Билим дар маҷмӯъ пурра ба итмом расидааст. Муҳимияташ он аст, ки ҳеҷ кас дар равияи ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҳамчун як давлати кӯҳӣ ва ҷангзада, куллан корҳои таҳқиқотии шаҳрҳои калони кишварро корбасти илмӣ накардааст. Мутахассисони соҳаи илми шаҳрсозӣ дар Афғонистон нестанд, чи тавре ки дар ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва ширкатҳо ҳастанд. Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок аст, ки бисёре аз муқаррароти диссертатсионӣ бори аввал ва дар сатҳи баланди касбӣ ва илмӣ таҳия карда шудаанд. Хусусан аҳамияти амалии тадқиқотро қайд кардан зарур аст, зеро довталаб дар тӯли зиёда аз 10 сол дар ташкилотҳои лоиҳакашӣ, таҳияи нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва идораҳои шаҳрсозиву корхонаҳои давлатӣ фаъолона кор карда бо ташкили сохтори

меъморӣ ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ хуб шинос аст. Методологияи пешгузоштаи таҳқиқот дар амал қобили қабул аст. Албатта, дар рисола мувофиқи пешниҳодҳои олимони кафедра камбудиҳои ҷойдошта пурра ислоҳ каарда шуда иловаҳо пурра карда шудааст, кор таҳрирро талаб намекунад. Рисола барои дифои пешакӣ ба Маркази Илмӣ-таҳқиқотии "Сохтмон ва меъморӣ" аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – "Шаҳрсозӣ, тарҳрези маҳалҳои зисти деҳот" пешниҳод карда шавад.

**Баромад намуд:** Мудири кафедра Мукимова С.Р.- аз тарафи унвонҷӯй Муҳаммад Усмон Билим, моҳияти кори таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмӣ, методологияи таҳқиқот ва дар кадом самтҳо оиди се боби рисола корҳои илмӣ иҷро гардидааст маълумоти мухтасар пешниҳод шуд. Саволу пешниҳодҳои худро нисбат ба иҷроиши кори рисолаи номзади Муҳаммад Усмон Белим аъзоёни кафедра, баён намуданд.

Ҳозирин, масъаларо пурра дастгирӣ намуданд.

Мукимова С.Р. – дар ҷамъбасти ҷаласа масъалаи ба ҳимояи пешаки тавсия додани рисолаи номзадии Мухаммад Усмон Белим ро ба овоздиҳии ошкоро гузошт.

Овоз доданд: Тарафдор – 18 нафар. Зид - нест, бетараф -нест.

**Вобаста ба баромаду пешниҳодҳо ҷаласа қарор кард:**

Пас аз ба назар гирифтани пешниҳодҳои аз тарафи аъзоёни кафедра пешкаш гардида кори диссертатсионии унвонҷӯй Мухаммад Усмон Белим барои ҳимояи пешакӣ ба Маркази илмӣ-татқиқотии "Сохтмон ва меъморӣ"-и ДТТ тавсия дода шавад.

Раиси ҷаласа Мукимова С.Р.

Котиби ҷаласа Садиева Г.Ф.